*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

№ 47 (643),
04 декабри
соли 2025

# МУЛОҚОТ БО РАИСИ МАҶЛИСИ БУЗУРГИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ НУМАН КУРТУЛМУШ



**2 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Қасри миллат Раиси Маҷлиси Бузурги Миллии Ҷумҳурии Туркия Нуман Куртулмушро ба ҳузур пазируфтанд**

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳу муҳтавои муносибатҳои Тоҷикистон ва Туркия, аз ҷумла дар арсаи дипломатияи парлумонӣ, изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Гуфта шуд, ки муносибатҳои фарогир бо Туркия дар сиёсати хориҷии давлати мо мақоми хосса доранд.

Ба муколамаи сиёсии сатҳи олӣ ва баланд ва робитаҳои байнипарлумонии ду кишвар барои густариши робитаҳои гуногунҷанба таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд.

Тавсеаи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ низ аз мавзуъҳои муҳими суҳбат буд.

Дар ин робита таъкид гардид, ки кишварҳои мо имконият доранд, дар соҳаҳои афзалиятноки саноати нассоҷӣ, коркарди алюминий, амалӣ намудани тарҳҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон, таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ ҳамкории бештар дошта бошанд.

Фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва Агентии Туркия оид ба ҳамкории байналмилалӣ (ТИКА) василаи муҳими густариши робитаҳои дуҷониба номида шуд.

Ҳарду ҷониб ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва сайёҳӣ ҳавасмандии худро таъкид намуданд.

Ҳамчунин, доир ба ҳамкорӣ дар арсаи байналмилалӣ баҳри ҳалли масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули судманди афкор сурат гирифт.

www.prezident.tj



СУҲБАТИ САМИМИИ РАИСИ ВИЛОЯТИ...- саҳ. 2



ТАШАББУСҲОИ СОЗАНДАГӢ ВА ОМОДАГИИ... - саҳ. 4



ҶОМА ДАР «ШОҲНОМА» - саҳ. 6



ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ҲУКУМАТИ МАМЛАКАТ...- саҳ. 7

# СУҲБАТИ САМИМИИ РАИСИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАВЛАТАЛӢ САИД БО АҲЛИ ЗИЁИ ШАҲРИ КӮЛОБ

**Мулоқотҳои мунтазами узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид бо соҳибдилон, аҳли зиё, собиқадорони меҳнат ва пирони кор аз муҳимтарин шаклҳои пешбурди робитаи давлат ва ҷомеа ба шумор меравад.**



Ин гуна вохӯриҳо имконият медиҳанд, ки фикру назар, мушкилоту талабот ва ташаббусҳои созандаи зиёиён мустақим ба гӯши роҳбар расида, дар корҳои ободониву созандагӣ инъикос ёбанд.

Аҳамияти чунин мулоқотҳо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки онҳо заминаи мустаҳками ҳамкории созанда, баландбардории худогоҳӣ ва таҳкими фарҳанги идоракунии маҳаллиро ба вуҷуд меоранд. Маҳз тавассути гуфтугӯи рӯ ба рӯ ва самимӣ давлат метавонад ба ниёзҳои воқеии ҷомеа наздиктар гардад ва қарорҳои муассиру натиҷабахш қабул намояд.

Ҳавасмандии раиси вилояти Хатлон ба чунин дидорҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳбарият нақши зиёиён ва афроди соҳибдилро дар пешбурди ҷомеа нек дарк мекунанд.

Давлаталӣ Саид ҳамеша таъкид менамоянд, ки фикри созандаи зиёӣ метавонад роҳҳои нав дар рушди иқтисодиву иҷтимоиро боз намуда, сифати идоракуниро баланд бардорад.

Ин ҳавасмандӣ аз сиёсати боз, шунидани мардум, такмил додани қарорҳо ва таҳкими ҳамкории давлат бо табақаи рӯшанфикр сарчашма мегирад.

Иқдоми раиси вилоят барои наслҳои нисбатан ҷавони роҳбар ва хизматчиёни давлатӣ намунаи ибрату пайравӣ мебошад.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# ИФТИХОР АЗ 31 СОЛИ СОЗАНДАГӢ ВА ПЕШРАФТ

**Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки дар оғози даврони соҳибистиқлолии кишвар бо иродаи устувори миллат ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфтааст, имрӯз ба неруи тавонои сиёсӣ ва ташаббускори ҷомеа мубаддал гардидааст.**

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо рисолати мардуммеҳварӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва тарғиби ғояҳои ватандӯстиву худшиносӣ дар ҷомеа ҷойгоҳи устуворро соҳиб шудааст. Он дар тамоми марҳилаҳои таърихии кишвар дар паҳлуи мардум қарор дошта, дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ, пешбурди ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ ва рушди кишвар саҳми назаррас гузоштааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби созанда, бунёдкор ва ташаббускор, бо ҷалби фаъолонаи аъзову ҷонибдоронаш зери сиёсати Пешвои миллат баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум пайваста талош меварзад.

Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 31 соли пуршарафу пурифтихор, 31 соли заҳмату созандагӣ ва 31 соли муваффақиятро паси сар намуда, дар қалби мардум ҳамчун ҳизби воқеии халқ ҷой гирифтааст.

Мо, аъзо ва ҷонибдорони содиқи ин ҳизби созанда бо ифтихор фаъолияти худро дар заминаи Оиннома ва Барномаи созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба роҳ монда, рисолати худро дар назди ҷомеа бо масъулияти баланд иҷро менамоем. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон имрӯз ба як мактаби воқеии тарбияву сиёсатмадорӣ табдил ёфтааст, ки зодаи андеша ва сиёсати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Тавре Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд: «Тайи солҳои сипаришуда ҳизби мо садоқати худро ба арзишҳои миллӣ - истиқлол, озодӣ, демократия, волоияти қонун ва баробарҳуқуқӣ собит намудааст ва барои пешрафти Тоҷикистон тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ месозад.»

Бо роҳбарии оқилонаи Пешвои миллат аъзову ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои Барнома саҳми арзанда гузошта, тавассути тарғибу ташвиқ, ҷалби ҷавонон, бонувон ва зиёиён, инчунин пешбурди корҳои ободониву созандагӣ, зиндагии шоистаро барои мардум ҳадафи фаъолияти худ қарор додаанд.

Бо шарофати соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз ва сиёсати дурбинонаи Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз дар саросари кишвар корҳои созандагиву бунёдкорӣ вусъати бесобиқа ёфтаанд. Сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳои муосир, гимназияҳо, мумфаршу сангфаршкунии роҳҳо дар деҳаву маҳаллаҳо бомаром идома доранд.

Дар ин раванд саҳми аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шоистаи таҳсин аст. Онҳо бо ифтихор аз соҳибистиқлолии Ватан дар фазои осоишта ва бо руҳияи баланди ватансозӣ фаъолият намуда, рисолати ҳизбӣ ва ватандӯстонаи худро дар амал татбиқ менамоянд. Бо самимияти хос метавон гуфт: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - ҳизби мардумӣ, бунёдкор ва ояндасоз аст!

Аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Носири Хусрав бо дарки баланди масъулият ва такя ба Оиннома ва Барномаи ҳизб таҳти шиори “Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон” фаъолона ва пайгирона фаъолият доранд. Онҳо дар татбиқи амалии вазифаҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

Мо, фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҳизб дар ноҳияи Носири Хусрав фаъолияти хешро дар асоси дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ намуда, бо садоқат ба Ватан ва миллат меҳнати пурсамар карда, тамоми неруи худро барои рушди устувор ва ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз равона месозем.

**Сурайё АЛИЗОДА,**
**собиқадори ҲХДТ**

# АЗ КИТОБХОНА ТО ПУЛ. ТАШАББУСҲОИ АЛИХОН САИДОВ



**Дар ҷомеа ҳамеша нафароне ҳастанд, ки бо заҳмату садоқат, ташаббускорию хидмати содиқонаашон ба мардум дар ҷомеа эътибори хосса пайдо мекунанд ва номашон бо корҳои неку созандагӣ дар хотираи мардум сабт мегардад.**



Қаҳрамони матлаби мо Алихон Саидов аз зумраи ашхоси ватандӯст дар ноҳияи Ховалинг мебошад. Мавсуф дар баробари ташаббускориҳо айни замон раиси маҳаллаи деҳаи Даҳани Шоли Ҷамоати деҳоти Ғаффор Мирзо ва роҳбари хоҷагии деҳқонии «Саид Бурҳон»-ро ба ӯҳда дорад. Алихон Саидов дар оилаи омӯзгор ба воя расидааст, аз айёми ҷавонӣ одати ободкорӣ, эҳсоси масъулият ва муҳаббат ба деҳаро аз падару модар мерос гирифта, то имрӯз бо ҳамин руҳия фаъолият мекунад.

## ПУЛИ НАВ-ТУҲФА БА МАРДУМ

Бо ташаббуси бевоситаи Алихон Саидов ва дастгирии оилаи Саидовҳо имсол дар деҳа як пуле бунёд гардид, ки арзиши он беш аз 600 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дарозии пул 9 метр ва паҳноияш 6 метр буда, дар рафту омади сокинони дигар деҳаҳо низ нақши калидӣ дорад. Иншооти мазкур, ки моҳи ноябри имсол ба ифтихори Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуд, имрӯз яке аз роҳҳои муҳими ҳаракати нақлиёт дар маҳал гардидааст.

Мардум бо қаноатмандӣ мегӯянд, сохтмони ин пул орзуи чандсолаи сокинон буд ва ниҳоят бо ташаббуси Алихон Саидов ва дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ин иқдом амалӣ гардид. Худи ӯ ният дорад, ки дар ҳамкорӣ бо мардуми деҳа пули дигари нотамомро низ пурра ба истифода диҳад.

## АЗ ҚАМИШЗОР ТО БОҒИ СЕРҲОСИЛ

Алихон Саидов на танҳо вазифаи раиси маҳалларо бар ӯҳда дорад, балки кишоварзи соҳибтаҷриба низ мебошад. Ӯ соли 2016 хоҷагии деҳқонии «Саид Бурҳон»-ро таъсис дода, дар муддати кӯтоҳ замини ноҳамвору қамишзорро ба боғи хуррами мева табдил додааст. Имрӯз дар боғи ӯ беш аз 1700 бех ниҳоли дарахтони мевадиҳанда ва инчунин дарахтони сояафкан шинонида шудааст. Ба гуфтаи ӯ, ҳар як ниҳол аз дилу ҷон нигоҳубин мешавад, зеро меҳнат дар замин ва ҳосили онро ба даст овардан барои ӯ на танҳо кор, балки шуғли дӯстдошта аст. Маҳз аз ҳисоби даромади ҳамин боғ ӯ соли 2022 ба ифтихори 31-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳа китобхонаи замонавӣ бунёд намуд.

## КИТОБХОНА

Алихон Саидов, мегӯяд, ки то қабули ҳамин иқдом, китобхонаи деҳа дар хонаи шахсии яке аз сокинон фаъолият мекард, аммо шароити он ба талаботи имрӯза чандон мувофиқ набуд. Бо сохтмони бинои нав сокинон соҳиби як маркази ҳақиқии маърифат гардиданд. Дар китобхона зиёда аз 4000 нусха китобҳои гуногуни илмӣ, бадеӣ, таърихӣ ва адабӣ маҳфузанд, ки ҳар рӯз даҳҳо хонанда, аз ҷумла наврасону ҷавонон аз онҳо истифода мебаранд. Алихон Саидов бо камоли ифтихор мегӯяд:

«Хона не, китобхона сохтаам. Чун бовар дорам, ки хона танҳо барои чанд нафар зарур аст, аммо китобхона барои тамоми мардуми деҳа манфиат меорад. Пешвои миллат чанд сол пеш таъкид карда буданд, ки: "Барои босавод шудани насли наврас, дар деҳаҳо бояд китобхона сохта шавад". Ман пайравӣ аз суханони Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаамон як китобхонаи замонавӣ сохтам. Ин андешаҳо бозгӯи он аст, ки диди ин марди заҳматкаш то куҷо мардумӣ ва фидоӣ мебошад.

## САНГФАРШКУНИИ КӮЧАҲО

Алихон Саидов, дар корҳои хайриявию иҷтимоӣ ва ободонии Ҷамоати деҳоти мазкур фаъолона иштирок мекунад. Ӯ яке аз аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи ташаббуси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти унвони «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» ӯ дар якҷоягӣ бо сокинон кӯчаҳои деҳаро сангфарш намуда истодаанд. Бо шарофати ин иқдом роҳҳои пиёдагард ва гузаргоҳҳо симои нав касб карда, ҳаракат барои мардуму нақлиёт осонтар шудааст. Мо аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ҳамеша омодаем, дар амалӣ гардидани ташаббусҳои ҳизбӣ саҳмгузор бошем. Ҳоло, ки дар арафаи Рӯзи таъсисёбии ин ҳизби пешоҳанги ҷомеа қарор дорем, ин санаи муборакро бо дастоварду натиҷаҳои назаррас истиқбол мегирем»,-мегӯяд А. Саидов.

## ПЕШАИ ПУРИФТИХОР

Чуноне, ки зикр шуд, Алихон Саидов дар оилаи омӯзгор тарбия ёфтааст. Имрӯз худаш низ омӯзгор буда, беш аз 35 сол таҷрибаи омӯзгорӣ дорад. Ӯ ноНеро меҳрӯрад, ки бо заҳмати ҳалолу самимияти бузурги омӯзгорӣ ба даст меояд. Ҳар сол даҳҳо хонандагони ӯ бо дониши хуб роҳ ҷониби донишгоҳҳо мешаванд. Алихон Саидов бо вуҷуди корҳои сершумор, аз касби омӯзгориаш дур намешавад, зеро ин пеша барои ӯ на танҳо ном, балки рисолатҳои инсонӣ ва ватандӯстӣ додааст.

Имрӯз Алихон Саидов ҳамчун як марди ободкор, шахси созанда, омӯзгори меҳрубон ва роҳбари ғамхор дар байни сокинони деҳаи Даҳани Шоли Ҷамоати деҳоти Ғаффор Мирзои ноҳияи Ховалинг обрӯву эътибори хосса дорад. Кору амалҳои ӯ аз сохтмони пул то бунёди китобхона, аз ободонии кӯчаҳо то роҳандозии боғу хоҷагӣ намунаи ибрат барои дигарон мебошад. Ҷомеа ба чунин шахсони фидоию меҳнатқарин ниёз дорад, зеро маҳз ҳамин гуна афрод гӯшаҳои Ватанро обод, зиндагии мардумро беҳтар ва руҳи ҳамбастагии ҷомеаро қавитар месозанд.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# ТАШАББУСҲОИ СОЗАНДАГӢ ВА ОМОДАГИИ МУАССИСАҲОИ ТИББӢ БА ФАСЛИ ЗИМИСТОН



**Ифтитоҳи бинои нави шуъбаҳои ёрии таъҷилӣ ва қабули беморон дар заминаи Беморхона марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ки бо тарҳи муосир бунёд гардида, бо таҷҳизоти пешрафтаи тиббӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст, намунаи беҳтарини ташаббусҳои созандагӣ ба ифтихори ҷашни 35- солагии Истиқлоли давлатӣ арзёбӣ мегардад.**

Иншооти мазкур бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва саҳмгузории роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, соҳибкорону ҷавонмардони саховатманд сохта шуда, беҳтарин тӯҳфаи ҷашнӣ барои сокинони ноҳия мебошад. Тибқи иттилоъ бинои пешинаи шуъбаҳои мазкур аз соли 1954 инҷониб ба аҳолӣ хизмат расонида, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набуд. Мавриди зикр аст, ки дар баробари бунёди чунин як бинои хуштарҳи замонавӣ ҳамчунин, ба хотири беҳтару хубтар ба роҳ мондани хизматарсонии тиббӣ ба аҳолӣ шуъбаҳои ёрии таъҷилӣ ва қабули беморон бо маблағи 1 миллион сомонӣ бо таҷҳизоти муосири тиббӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Иншооти навбунёди тиббӣ аз толорҳои барҳаво аз ҳуҷраҳои қабули шаҳрвандон, табиби ҷарроҳ, амрози даруна, сӯзандору, ҷароҳатбандӣ, эхё, ҳуҷраҳои мудири шуъба, сарпарастор ва табибон, ҳуҷраи махсус барои кӯдакон, ташхиси ултрасадо, сабти барқи дил ва дигар бахшҳои хизматарсонӣ иборат аст. Чуноне ки зимни суҳбат Нурализода Алихон, сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ иброз дошт, бо мавриди истифода қарор додани бинои шуъбаҳои ёрии таъҷилӣ ва қабули беморон ҷиҳати расонидани ёрии аввалини тиббӣ, қабули беморон ва ба ташхису табобат фаро гирифтани онҳо беҳтарин шароитҳо фароҳам оварда шудааст.

Маврид ба ёдоварист, ки дар соли ҷорӣ инчунин, дар ҳамкорӣ бо Хазинаи кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид шуъбаи таваллудхонаи Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ низ азнавсозӣ гардида, бо тамоми таҷҳизоти пешрафтаи тиббӣ муҷаҳҳаз гардонида шуд. Ҳамчунин, дар доираи иқдомҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35- солагии Истиқлоли давлатӣ маъмурияти Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ тасмим гирифтаанд, ки шуъбаҳои гулӯ, гӯшу бинӣ ва ҷарроҳиро низ азнавсозӣ карда, бо таҷҳизоти иловагии тиббӣ муҷаҳҳаз намоянд.

Дар баробари иқдомҳои ободонӣ, ҳамзамон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои роҳбарияти олии мамлакат ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳия бобати омодагӣ ба фасли зимистон тадбирҳои муҳим андешида мешавад. Аз ҷумла, то имрӯз бо мақсади фароҳам овардани шароитҳо дар фасли сармо дар анборҳои беморхона 15 тонна ангишт, 300 литр сӯзишворӣ, 7 таҷҳизоти барқдиҳанда, 10 бухорӣ 8 куб ҳезум ва дигар маводи лозима захира карда шудааст. Ҳамчунин, захираи маҳсулоти ғизоӣ барои давраи зимистонгузаронӣ, аз ҷумла равғани истеъмолӣ 100 литр, картошка 800 кг, пиёз 600 кг, сабзӣ 500 кг ва биринҷ дигар навъ донагиҳо беш аз 200 киллограмро ташкил медиҳад.

Бинобар иттилои сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Алихон Нурализода ҷавобан ба таваҷҷуҳу дастгириҳои роҳбарияти олии мамлакат ҷиҳати рушду пешрафти соҳаи тандурустӣ кормандони соҳа ҳама саъю талоши худро бахри баланд бардоштани сатҳу сифати хизматарсониҳои тиббӣ ба аҳлой равона



намуда, ҳамзамон, дар корҳои ободониву созандагӣ саҳми шоистаи худро гузошта истодаанд. Ба гуфтаи манбаъ аз шумораи умумии кормандони Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, ки 700 нафарро табибони соҳиби маълумоти олӣ, 250 ҳамшираи тибб, 200 нафар кормандӣ хурди тибб ва 50 тан кормандони техникӣ ташкил медиҳанд. Қобили зикр аст, ки 97 % кормандони беморхона аъзои ҳизби пешбарандаи ҷомеа мебошанд ва ташкилоти ибтидоии ҳизбии мо "Мадади Сино" ном дошта, дар ҳамкории зич бо Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар татбиқи ҳадафҳои пешгирифтаи роҳбарияти олии ҲХДТ саҳми арзанда мегузоранд. Дар ин росто, пайравони пешаи Сино дар баробари иҷрои рисолати касбӣ, ҳамвора, дар корҳои ободонии ҳудуди беморхона ва дигар муассисаҳои тандурустии ноҳия саҳми пешоҳангӣ гузошта истодаанд.

- Дар Беморхонаи марказии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ барои бистарӣ ва ба табобат фаро гирифтани беморон дар умум 360 кати хоб аз ҷумла, 50 кат дар шуъбаи таваллуд фароҳам оварда шудааст. Ба истиснои тадбирҳо дар самти таъмиру азнавсозӣ ва бунёди биноҳои наву хуштарҳи ташхису табобатӣ, инчунин давоми 5 соли охир бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва дигар шарикони рушд ба Беморхонаи мазкур ба маблағи 10 миллион сомонӣ таҷҳизоти пешрафти тиббӣ ворид карда шудааст.

Ҳайати роҳбарият, табибону ҳамшираҳои тибб ва дигар кормандони соҳаи тандурустии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ аз таваҷҷуҳи роҳбарияти мамлакат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва такмили донишу таҷрибаи кормандони соҳа, бунёдгузории муассисаҳои муосири тиббии муҷаҳҳаз бо технологияи навин ва аз ҷумла дастовардҳои назарраси соҳаи тандурустии даврони Истиқлол руҳу илҳоми тоза гирифта, садоқат ба касби муқаддаси хеш ва хизмати софдилона ба халқу меҳанро масъулияти муҳиму рисолати ҳаётии худ мешуморанд.

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**"Ҳамрози халқ"**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# МУСОБИҚАИ ВОЛЕЙБОЛ МИЁНИ БОНУВОН



**ЁВОН**

Бо мақсади таҷлили шоистаи 31-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, таҳкими тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа, дар ноҳияи Ёвон мусобиқаи варзишии волейбол миёни бонувони ҳизбӣ баргузор гардид.

Чорабинӣ тибқи нақшаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон доир гардида, ҳадаф аз он тарғиби арзишҳои ҳизбӣ, тақвияти дӯстиву ҳамбастагӣ миёни занон ва ташаккули тафаккури солими иҷтимоӣ мебошад. Мусобиқа дар фазои идона, бо руҳияи баланди ватандӯстӣ баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳ Абдуллозода Саёҳат, муовини раиси ноҳия, Меҳрoҷи Абдулҳаким, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия ва Расулов Ғолиб, мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиш, иштирокдоронро бо Рӯзи таъсисёбии ҲХДТ табрик гуфта, нақши бонувонро дар таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пойдории арзишҳои миллӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Мусобиқа бо иштироки дастаҳои фаъ-ол доир гардида, дастаҳои беҳтарин бо Ҷоми Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб, сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

# ҶОМЕАЕ, КИ МАЪРИФАТИ БАЛАНДИ ҲУҚУҚӢ ДОРАД...



**Прокурори ноҳияи Муъминобод Набизода Набиҷон мегӯяд, ки қабули Конститутсияи нави кишвар на танҳо шакли давлатдорӣ, балки маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсати қонунмеҳвари давлатро муайян намуд.**

Бо қабул гардидани Конститутсия мо ҳамчун миллат ба марҳалаи нав-давраи қонунмандӣ, адолат ва суботи давлатӣ ворид шудем. Ҳамаи муваффақиятҳои имрӯзаи Тоҷикистон аз ваҳдату оромӣ то рушду созандагӣ дар зери сояи ҳамин санади муқаддас ба даст омадаанд, - таъкид мекунад Набизода Набиҷон.

Конститутсия барои ҳар як шаҳрванд китоби зиндагӣ ва ойинаи худшиносии миллӣ мебошад. Он асоси тамоми қонунҳо, меъёрҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ буда, ҳар калимаи он ифодаи волои ваҳдат, адолат ва соҳибистиқлолӣ мебошад. Набизода Набиҷон бо итминон мегӯяд; қонуни асосӣ моро водор месозад, ки дар зери парчами ягонагӣ, бо эҳтиром ба ҳуқуқи якдигар ва бо масъулияти шаҳрвандӣ зиндагӣ кунем. Конститутсия барои мо на танҳо як санади ҳуқуқӣ, балки як паймонест миёни давлат ва мардум.

Ба гуфтаи ӯ, Конститутсия имкон дод, ки дар кишвар низоми устувори давлатдорӣ, тақсимоти салоҳиятҳо миёни ҳокимиятҳо ва асоси волоияти қонун ба таври возеҳ муайян гардад. Дар натиҷа, дар ҷомеа фазои эътимод, суботи сиёсӣ ва ҳамкории созанда ба вуҷуд омад. Прокурори ноҳия мегӯяд, ки фаъолияти мақомоти прокуратура пурра дар асоси меъёрҳои Конститутсия ба роҳ монда шудааст. Мо масъулем, ки иҷрои қонунҳоро дар тамоми самтҳо таъмин намоем. Ҳар қонун бояд дар доираи Конститутсия амалӣ шавад. Ин талаботи асосист, ки мо ба он содиқем, - ибroз медорад Набизода Набиҷон.

Ӯ таъкид мекунад, ки волоияти қонун на танҳо кори мақомоти давлатӣ, балки масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвар аст. Маҳз ҳамин меъёр имкон медиҳад, ки ҷомеа бе ихтилоф, бо ҳамдигарфаҳмӣ ва дар фазои адолат рушд кунад. Ба гуфтаи Набизода Набиҷон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура мебошад. Дар ноҳияи Муъминобод мунтазам чорабиниҳо, вохӯриҳо бо сокинон, хонандагону донишҷӯён ва намояндагони ташкилотҳо доир мегарданд. Дар ин вохӯриҳо моҳияти Конститутсия, риояи қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқи занону кӯдакон ва масъулияти шаҳрвандӣ тавзеҳ дода мешавад.

Ҷомеае, ки маърифати баланди ҳуқуқӣ дорад, ҳеҷ гоҳ ба қонуншиканӣ роҳ намедиҳад. Ҳар шахсе, ки қонунро медонад ва риоя мекунад, худ як посдори сулҳ ва оромист, - мегӯяд Набизода Набиҷон.

Ӯ афзуд, ки имрӯз дар ноҳия натиҷаи ҳамин корҳои фаҳмондадиҳӣ ба таври равшан эҳсос мешавад. Сатҳи ҷинояткорӣ коҳиш ёфта, ҳамкории шаҳрвандон бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ беҳтар шудааст.

Прокурори ноҳия бо итминон мегӯяд, сулҳу субот ва ваҳдати миллие, ки имрӯз дар кишвар ҳукмфармост, маҳз дар заминаи Конститутсия таҳким ёфт. Агар Конститутсия набуд, на оромӣ мемонд ва на рушд. Имрӯз ҳар як фарди кишвар бояд бо ифтихор бигӯяд, ки ман соҳиби давлати ҳуқуқбунёд ва Конститутсияи худам ҳастам. Дар ҳақиқат, моддаи якуми Конститутсия, ки Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муаррифӣ мекунад, мазмуни амиқи ваҳдат, озодӣ ва қонуниятро дар худ таҷассум медиҳад. Набизода Набиҷон мегӯяд, ки ҳар як корманди мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд Конститутсияро на танҳо бихонад, балки онро эҳсос кунад, бо дили худ дарк намояд. Танҳо дар ин сурат мо метавонем Ватани худро аз таҳдидҳо муҳофизат кунем ва барои наслҳои оянда фазои ором устуворро боқӣ гузорем.

Дар ноҳияи Муъминобод бо ташаббуси прокуратура як қатор лоиҳаҳои фаҳмондадиҳии ҳуқуқӣ, рӯзҳои қабули шаҳрвандон, вохӯриҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ҳамкории байниидоравӣ амалӣ гардидаанд. Ҳамаи ин чорабиниҳо ба баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ ва риояи қонун равона шудаанд. Мо ба он бовар дорем, ки қонун пояи асосии зиндагии осуда ва давлатдории устувор аст. Ҳар қадар мардум қонунро эҳтиром кунад, ҳамон қадар давлат тавоно мегардад, - изҳор дошт Набизода Набиҷон.

Дар поёни сухан, Прокурори ноҳияи Муъминобод Набизода Набиҷон чунин иброз дошт, имрӯз, вақте мо ба дастовардҳои кишвар назар меафканем, мебинем, ки ҳамаи онҳо дар партави қонуният ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат амалӣ шудаанд. Ҳамагон бояд дарк намоем, ки Конститутсия на танҳо қонун, балки рамзи давлатдории мост. Пас, ҳифзи он-вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯст мебошад.

Ӯ афзуд, ки мақомоти прокуратура минбаъд низ тамоми кӯшишро ба харҷ хоҳад дод, то дар ноҳия волоияти қонун ҳифз гардад, ҳуқуқи шаҳрвандон таъмин бошад ва руҳи адолат дар ҷомеа поянда монад.

**Адиба НОДИРОВА,**
**"Ҳамрози халқ"**

# 365 РӮЗИ ОБОДОНӢ, СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ



ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" дар Ҷамоати деҳоти Меҳвар дар Оромгоҳи деҳаи Деҳбаланд амалиёти муштараки ҳизбии "Рӯзи ёдоварӣ" доир гардид.

Дар доираи амалиёти муштараки ҳизбӣ гирду атроф ва дохили оромгоҳ аз алафҳои хушкида ва шохаҳои зиёдатии дарахтон тоза карда шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки иқдоми мазкур баҳри беҳдошти вазъи санитарию гигиении муҳити зист ва арҷ гузоштан ба гузаштагони хеш равона гардида, минбаъд низ бо ҷалби аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон идома меёбад.

**ПАНҶ**

Ҷиҳати татбиқи сиёсати бунёдкорона ва созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ТАЪМИНИ БЕҲДОШТИ МУҲИТИ ЗИСТ

**ҲАМАДОНӢ**



Бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии кӯчаву маҳаллаҳо, соҳили дарёву каналҳо ва шафати роҳҳо бо ибтикори Бахши ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Ҳамадонӣ ҳар ҳафта дар ҳудуди ноҳия тадбирҳои экологӣ роҳандозӣ мегардад.

Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва дар якҷоягӣ бо Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар доираи ташаббуси навбатии ҳизбӣ зери унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" бахшида ба сазовор истиқбол гирифтани ҷашни бузурги миллӣ- 35- солагии Истиқлолӣ давлатӣ дар соҳили дарё аксияи "Тозагии соҳил" роҳандозӣ гардид.

Дар аксияи мазкур роҳбарон ва кормандони ташкилоти ибтидоии "Муҳити зист" беш аз 100 нафар аъзои фаъоли намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан", волонтёрони ҳизбӣ иштирок доштанд.

Дар ҳашари мазкур иштирокдорон атрофи дарёро аз партовҳо тоза карда, дар тозагии муҳити зист саҳм гузоштанд.

# ЧОМА ДАР «ШОҲНОМА»




Дар баробари баёни ҷангҳо ва муборизаҳои ватандӯстона, Фирдавсӣ ба шеъру суруди қадима низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ӯ дар чанд маврид аз забони қаҳрамонони худ - Рустам, Исфандиёр, ромишгарону духтарони донишманд - шеърҳое овардааст, ки тавассути созҳои мусиқӣ садо медиҳанд. Шоир онҳоро бо вожаҳои «суруд» ва «чома» ёд мекунад, ки ҳарду мафҳуми яксон доранд ва эҳсоси ботинии қаҳрамонро ба таври шеъри лирикӣ ифода мекунанд.

Чомаҳо дар «Шоҳнома» на танҳо ҷузъи ороишии достон, балки василаи ифодаи амиқи эҳсоси қаҳрамононанд. Онҳо аз забони Рустам, Исфандиёр, ромишгари Мозандарон, Орзу - духтари гавҳарфурӯш ва духтари Барзиндеҳқон суруда шудаанд. Ин сурудҳо зери навои созҳои миллӣ чанг, барбат ва танбӯр садо медиҳанд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «чома» ба маънои шеър, ғазал ва суруд омадааст. Шумораи абёти онҳо аз 4 то 11 байт иборат буда, мазмуни лирикӣ ва ҳиссии қавӣ доранд.

Чунончӣ, дар зер чомае аз Рустам ҳангоми гузаштани «Хони чаҳорум»:

*Ки овози баднишон Рустам аст,*
*Ки аз рӯзи шодӣ-ш баҳра кам аст.*
*Ҳама ҷойи ҷанг аст майдони ӯй,*
*Биёбону кӯҳ аст бӯстони ӯй.*
*Ҳама ҷанг бо деву нараждаҳо,*
*Зи деву биёбон наёбад раҳо.*
*Маю ҷому бӯё гулу марғзор,*
*Накардаст бахшиш маро рӯзгор.*
*Ҳамеша ба чанги наҳанг андарам,*
*Дигар бо палангон ба ҷанг андарам.*

Ин чома эҳсоси танҳоиву зиндагии пур аз муборизаро таҷассум мекунад ва шоистаи таҳлили амиқ аст.

Суруд дар «Шоҳнома» аз лиҳози шакл ба маснавӣ шабоҳат дошта, мазмунаш эҳсоси ҳамонлаҳзаинаи қаҳрамонро инъикос мекунад. Дар чомае, ки Рустам месарояд, номи ӯ дар байти аввал зикр шуда, дар байтҳои дигар зиндагии пур аз набард ва ранҷи ӯ тасвир ёфтааст. Мафҳумҳои «ҷанг», «майдон», «биёбон», «дев», «наҳанг», «паланг» ва «наражддаҳо» ба шеър хусусияти қасидавӣ мебахшанд, ки онро аз ғазал фарқ медиҳанд.

Дар намунаи дигари чома, ки Орзу духтари гавҳарфурӯш бо сози чанг месарояд, меҳвари мазмун ситоиши қаҳрамон Баҳром аст. Мазмуни ин суруд бештар ба васфию лирикӣ монанд буда, эҳсоси самимӣ ва шефтагии гӯяндаро нисбат ба мамдуҳ таҷассум мекунад. Мисраъҳо пур аз ташбеҳҳои бадей ва образҳои қавии визуалӣ мебошанд:

*Ба меҳмон чунин гуфт, к-«эй шоҳфаш,*
*Баландахтару якдилу кинакаш!*
*Касе, к-ӯ надидаст Баҳромро,*
*Сутудасавори дилоромро,*
*Нигаҳ кард бояд ба рӯйи ту бас,*
*Ҷуз ӯро нашоӣ зи лашкар ба кас.*
*Миёнат чу ғарв асту боло чу сарв,*
*Хиромон шуда сарв ҳамчун тазарв.*
*Ба дил наррашерӣ, ба тан жандапил,*
*Ба овард хишт афканӣ бо ду мил.*
*Рухонат ба гулнор монад дуруст,*
*Ту гӯӣ ҳаме бар гулу лола руст.*
*Ду бозу ба кирдор рони ҳаюн,*
*Зи пой андарорӣ кӯҳи Бесутун.*
*Тани Орзу хоки пойи ту бод,*
*Ҳама зиндагонӣ барои ту бод!»*

Дар суруди Орзу номи мамдуҳ - Баҳром зикр шуда, гӯянда бо эҳсоси самимӣ ӯро васф мекунад. Гарчанде ин суруд кӯтоҳ аст, бо пайвандҳои маъной ба рафти достон иртибот дорад. Аз лиҳози шакл, шеър ба маснавӣ, аз нигоҳи мазмун ба қасида ва ғазалҳои қадимии форсӣ монандӣ дорад. Ин гуна сурудҳо, ки Фирдавсӣ бо номи «чома» ё «суруд» меорад, ҷанбаи ишқӣ ва мусиқӣ дошта, омехтаи жанрҳои лирикӣ ба ҳисоб меравaнд. Муҳаққиқ И.С. Брагинский низ таъкид мекунад, ки шеъри ишқӣ дар миёни халқҳои эронӣ аз қадим маъмул буда, онро «суруд» меномиданд.

Фирдавсӣ, ҳамчун эҳёкунандаи анъанаҳои аҷам, ин суннатро дар «Шоҳнома» идома дода, бо чунин сурудҳо муҳити эҳсосиву фарҳангии замони пешинро зинда кардааст. Ин чома аз лиҳози шакл ба маснавӣ, аз лиҳози мазмун ба қасидаву ғазал наздик буда, хусусияти омехтаи жанрҳоро дорост.

Чи тавре ки маълум мегардад, ғазалиётро дар қадим бо ашъоре нисбат медодаанд, ки ҷанбаи ишқӣ дошта бошад ва он таҳти садои мусиқӣ хонда шавад. Новобаста аз он ки дар кадом шакли шеърӣ иншо шуда бошад. Мо аз таърихи адабиёти гузаштаи худ медонем, ки ҳанӯз дар аҳди Сомониён устод Рӯдакӣ қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-ро бо навои чанг суруда, шоҳро ба мақсади бозгаштан ба Бухоро водор карда буд.

Аз мушоҳидаҳою муҳокимаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки Абулқосими Фирдавсӣ дар баъзе мавридҳо аз забони қаҳрамонҳояш сурудҳоеро меорад, ки онҳоро бо яке аз созҳои мусиқӣ месароянд. Ин гуна сурудҳоро бо номи «чома» ё «суруд» зикр намояд ҳам, онҳо дар шакл ба жанри маснавӣ тааллуқ дошта, аз лиҳози мазмун ба қасида монананд. Аз ин рӯ бо қатъият метавон гуфт, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-аш мазмуни қасидаро дар шакли маснавӣ ҷойгир кардааст.

**«Шоҳнома» на танҳо оинаи гузаштаи пурифтихори миллати тоҷик, балки дастури зиндагии имрӯзу фардои мост. Ин асари безавол саршор аз ғояҳои худшиносӣ, ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, инсонгарой ва ҳифзи арзишҳои миллӣ буда, моро ба эҳтироми арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ даъват мекунад.**

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои филологӣ**

# ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ҲУКУМАТИ МАМЛАКАТ ДАР САМТИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ

**Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат бо ташаббус ва роҳнамоиҳои созандаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳимояи қишрҳои осебпазири ҷомеа, фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ, дастгирии занону ҷавонон ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона шудааст.**

Дар ин ҷода яке аз самтҳои асосӣ фаъолияти мақомоти марбута, аз ҷумла Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи пурраи ин ҳадафҳо дар ноҳияи Панҷ низ бомаром идома дошта, дар ин самт корҳои назаррас ба анҷом расидааст.

Фирӯз Шоев, сардори шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия зимни суҳбат иброз дошт, ки давоми соли ҷорӣ ҷиҳати ҷалби шаҳрвандони корҷӯ ба ҷойи кор чорабиниҳои муҳиму мушаххас роҳандозӣ шудаанд. Яке аз чунин ташаббусҳои муҳим ин баргузории 11 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ мебошад, ки бо ҷалби фаъолонаи муассисаву корхонаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ сурат гирифт.

Дар ярмаркаҳои мазкур беш аз 30 ташкилоту муассиса ширкат варзида, имкониятҳои мавҷуда оид ба ҷойҳои кори доимӣ ва мавсимиро муаррифӣ намуданд. Бар пояи натиҷаҳои ин ярмаркаҳо наздик ба 400 нафар аз сокинони ноҳия ба кори доимӣ ва муваққатӣ ҷалб карда шуданд.

Бо назардошти он ки қисми зиёди корҷӯёнро занону духтарони хонашин, хусусан аз деҳот ташкил медиҳанд, дар ноҳияи Панҷ солҳои охир ба рушди ҳунаромӯзӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои кории занона таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Айни ҳол дар ноҳия 5 коргоҳи дӯзандагӣ фаъолият карда, даҳҳо занону духтаронро бо ҷойи кори доимӣ таъмин менамоянд. Дар ин коргоҳҳо аз ҷониби устодони маҳаллӣ ва мутахассисони ҷалбшуда омӯзиши касбу ҳунар ба роҳ монда шудааст, ки натиҷаи он дар беҳтар гаштани вазъи иқтисодии оилаҳо зиёд эҳсос мешавад.

Ҳамзамон Фирӯз Шоев зикр кард, ки дар баробари фароҳам овардани ҷойҳои кории занона бояд сатҳи дониш ва малакаи онҳо низ боло бурда шавад. Аз ин рӯ, дар ҳамкорӣ бо Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳудуди ноҳия беш аз 8 курси кӯтоҳмуддати таълимӣ фаъолият доранд. Ин курсҳо аз рӯи ихтисосҳои талаботи бозор дӯзандагӣ, пазандагӣ, ҳунарҳои дастӣ ва дигар намуди касбу ҳунар ба роҳ монда шудаанд. Занону духтароне, ки баъди хатми омӯзиш шаҳодатномаи намунавии агентиро ба даст меоранд, метавонанд фаъолияти меҳнатии худро дар коргоҳҳо ё ба таври инфиродӣ идома диҳанд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иқдомҳои пайгиронаи Пешвои миллат солҳои охир дар ноҳияи Панҷ баҳри фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, омӯзиши ҷавонон, занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин коҳиши сатҳи бекорӣ лоиҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ амалӣ мешаванд. Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия дар ҳамкорӣ бо бахшҳои гуногуни Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, раёсатҳои маориф, тандурустӣ ва инчунин соҳибкорони маҳаллӣ дар самти дастгирии қишрҳои ниёзманд корҳои назаррасе анҷом медиҳанд.

Иқдомҳои мазкур имконият медиҳанд, ки сокинон соҳибкасб шаванд ва молу маҳсулоти истеҳсолкардаашонро ба бозор баров ва барои оилаҳои худ даромади устувор ба вуҷуд оранд. Ин раванд барои коҳиши бекорӣ дар ноҳия ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ муҳим мебошад. Маврид ба зикр аст, ки иқдомҳои роҳандозишуда гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳадафҳои стратегии Пешвои миллат баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, рушди иқтисодиёти маҳаллӣ ва таъмини ҳар як шаҳрванд бо ҷойи корӣ дар амал татбиқи босамар меёбанд.

Яке аз самтҳои муҳиме, ки ба коҳиши бекорӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, рушди соҳибкории хурду миёна мебошад. Дар ноҳияи Панҷ солҳои охир бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин ҷабҳа таваҷҷуҳи хос равона гардида, барои дастгирии соҳибкорони навқадам ва ташвиқи фаъолияти истеҳсолӣ як қатор тадбирҳо роҳандозӣ шудааст.

Фирӯз Шоев, сардори шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Панҷ қайд намуд, ки дар байни шаҳрвандони бекор ва корҷӯ тамоюли рӯзафзуни ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар самти ҳунарҳои мардумӣ, хизматрасонӣ ва истеҳсолоти хурд ба назар мерасад. Маҳз бо ин мақсад дар ҳамкорӣ бо бахши соҳибкории маҳаллӣ, Маркази таълимии агентӣ ва ташкилотҳои грантдиҳанда барои шаҳрвандон курсҳои омӯзишӣ дар самти тиҷорат, идоракунии лоиҳаҳо, тарзи дурусти ба қайд гирифтани фаъолияти соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои қарзии имтиёзнок ташкил карда мешаванд. Дар давоми соли ҷорӣ даҳҳо нафар шаҳрвандон пас аз хатми чунин семинарҳо тавонистанд бо ҷалби



маблағҳои хурди қарзӣ фаъолияти худро ба роҳ монанд. Аз ҷумла, дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия чандин нуқтаҳои хурди дӯзандагӣ, нонпазӣ, омӯзишгоҳҳои хусусии ҳунаромӯзӣ ва марказҳои хизматрасонии маишӣ фаъол гардида, барои сокинони маҳаллӣ ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд овардаанд.

Ҷавонон неруи созандаи ҷомеа мебошанд ва таъмини онҳо бо дониши касбӣ, ҷойҳои корӣ ва имкониятҳои рушди шахсӣ яке аз ҳадафҳои стратегӣ дар ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад. Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Панҷ дар баробари татбиқи барномаҳои умумӣ барои ҷавонон чорабиниҳои алоҳида роҳандозӣ менамояд. Дар ҳамкорӣ бо роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ, марказҳои ҷавонон ва ташкилотҳои ҷамъиятии фаъол ба ҷавонон машваратҳои касбӣ гузаронда шуда, ба онҳо дар интихоби дурусти касб, азхудкунии ҳунарҳои муосир ва пайдо кардани ҷойи кор кумак расонида мешавад. Инчунин барои хонандагони синфҳои болоӣ ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ саёҳат ба корхонаҳои истеҳсолӣ, ҷойҳои кории муваққатӣ ва марказҳои омӯзишӣ ташкил карда мешавад, то онҳо аз наздик бо вазъи бозори меҳнат ошно гарданд.

Дар баробари ин, дар чорчӯбаи Барномаи давлатии рушди шуғли аҳолӣ як қатор ҷавонон ба омӯзиши мутахассисони техникии талаботи бозор монанди барқчигӣ, таъмири мошин, компютер ва технологияҳои иттилоотӣ фаро гирифта шуданд. Чунин иқдомҳо на танҳо ба таъмин намудани ҷавонон бо касби муайян мусоидат менамояд, балки онҳоро барои фаъолияти мустақилона ва соҳибкорӣ низ омода месозад.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**“Ҳамрози халқ”**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# ТАТБИҚИ ТАШАББУСИ ҲИЗБӢ

**НОРАК**

Дар доираи корҳои ободонию созандагӣ ва омодагиҳо баҳри сазовор пешвоз гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар доираи ташаббуси ҳизбӣ зери унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" дар назди бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак шанбегии дастаҷамъона доир гардид.

Дар ин ташаббуси ҳизбӣ кормандони Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб саҳми назаррас дошта, баҳри зебо ва тозаю озода намудани гирду атрофи бино саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Чунин иқдомҳо бо ташаббуси якҷояи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Норак то рӯзи баргузории ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31-солагии таъсисёбии ҲХДТ ҳаррӯза корҳои ободонӣ идома ёфта, сокинони шаҳри Норак азм доранд, ки ҷашнҳои дарпешистодаи муқаддаси ҳизбиву давлатиро бо дастовардҳои назаррас истиқбол намоянд.



# ТАЪЗИЯ



Шодиён Муҳаммад Султонзода 28 феврали соли 1965 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1982 бо хатми мактаби миёнаи рақами 14-и шаҳри Норак ба шуъбаи (филиали) Қӯрғонтеппагии факултаи математикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДБ ба номи Носири Хусрав) бо ихтисоси математика-физика дохил шуда, онро муваффақона ба итмом мерасонад. Дар давоми солҳои 1984-1986 хизмати ҳарбиро дар ҳайати қисмҳои хушкигарди округи ҳарбии Киеви Ҷумҳурии Украина адо менамояд.

Баъди хатми донишгоҳ бо салоҳдиди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кафедраи геометрия ва усули таълими математикаи таълимгоҳи болозикр ба ҳайси омӯзгор ба фаъолият оғоз менамояд. Бо мақсади идомаи фаъолияти илмӣ моҳи январи соли 1994 барои коромӯзии солона ба кафедраи муодилаҳои дифференсиалӣ ва таҳлили функсионалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад ва ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дохил шуда, корҳои илмиашро ривоҷ медиҳад. Пас аз хатми аспирантура ба кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бармегардад. Шодиён М.С. 24 ноябри соли 2000-ум рисолаи номздӣ дифоъ намуда, ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физика – математика ва 27 апрели соли 2016 бо ҳимояи рисолаи докторӣ ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ ноил мегардад. Бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз соли 2019 ба унвони илмии профессор шарафёб мегардад.

Аз моҳи январи соли 2005 дар вазифаи декани факултаи математика ва технологияи соҳибкорӣ, соли 2008 директори маркази имтиҳонгирии компютерӣ, солҳои 2008-2009 ноиби ректор оид ба иқтисод, солҳои 2009-2012 директори Маркази таҳсилоти ғоибона ва аз моҳи майи соли 2012 то соли 2020 дар вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор кардааст. Шодиён М.С соли 2020 ва маротибаи дуюм соли 2025 аз ҳавзаи интихоботии Кӯшониён № 27 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст. Мавсуф даъвати панҷум (солҳои 2015-2020) вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз ҳавзаи интихоботии Заргар №16 (н. Кӯшониён) интихоб шудааст. Шодиён Муҳаммад Султонзода, муаллифи 5 китоби дарсӣ, 23 адад дастуру васоити таълимӣ ва зиёда аз 110 мақолаи илмӣ ва илмӣ - методӣ мебошад. Бо мукофотҳои давлатии медалҳои «Барои хизмати шоёни ҳарбӣ» (1986), «20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2011), «Хизмати шоиста» (2023) ва нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (2003), «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» (2019), «Ифтихорномаи Раёсати ҲХДТ», «Ифтихорномаи МН МО ҶТ» ва дигар мукофотҳои соҳавию ҷашнӣ қадршиносӣ шудааст.

Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон нисбати даргузашти **ШОДИЁН МУҲАММАД СУЛТОНЗОДА,** вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон сахт андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳон аст.

**РУҲАШ ШОД ВА ЁДАШ ГИРОМӢ БОД!**

# ТАШАББУСИ ҲИЗБӢ-БА ХОТИРИ ОБОДӢ



### КӮЛОБ

Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва дар ҳамкорӣ бо Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҳизб, инчунин бо дастгирии ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, фаъолон, шахсони хайрхоҳу саховатманд, фаъолони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар доираи ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” як қатор иқдомҳои созанда амалӣ гардида истодаанд.

Ин чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 31-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда, дар тамоми гӯшаву канори шаҳр бо шукӯҳу вусъати хосса идома доранд.

Ин навбат ташаббуси мазкур дар хиёбони Исмоили Сомонии маркази шаҳр рост омад, ки дар доираи он роҳҳои мошингарди ин мавзеъ таъмиру азнавсозӣ ва асфалтпӯш карда шуданд.

Ин иқдомҳо бозгӯи сиёсати созанда, ободгароёна ва мардумсолории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошанд, ки ба беҳтар гардидани шароити иҷтимоии сокинон ва симои зебои шаҳр мусоидат менамоянд.

# ТУҲФАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА СОКИНОН

### КӮШОНИЁН



Дар доираи иқдоми фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, раиси ноҳияи Кӯшониён Холзода Муҳамадшариф ва масъулини соҳаҳои маорифу фарҳанг бо собиқадорони ҳизбу меҳнати ноҳия вохӯрӣ намуда, ба онҳо асари безаволи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро тақдим намуд.

Холзода Муҳамадшариф зимни тақдими туҳфаи Пешвои миллат ба сокинон иброз дошт, ки чунин ғамхориҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон, эҳёи арзишҳои миллӣ ва таҳкими худшиносию фарҳангии ҷомеа заминаи мустаҳкам мегузорад.

Туҳфаи Роҳбари давлат асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Кӯшониён аз ҷониби намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва дигар шахсони масъул ба сокинон дастрас гардида истодааст.

Гуфта шуд, ки тақдими «Шоҳнома» аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо рамзи арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги пурғановати халқи тоҷик, балки нишонаи муҳаббати бепоён ба ҳар хонаводаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. «Шоҳнома» на танҳо осори адабӣ, балки китоби худшиносии миллӣ, мактаби мардонагӣ ва рамзи ифтихори давлатдории тоҷикон мебошад. Ин иқдоми арзишманд дар дили ҳар сокини мамлакат эҳсоси ифтихор аз гузашта ва масъулият барои имрӯзро бедор менамояд.

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор**, Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail:
**info@hhdtkhatlon.tj**




Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.